# АДАБ

1 - 3

1998

*МИЛЛАТИ ТОҶИК, ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ВА ДАВЛАТИ ТОҶИКИСТОН ПОЯНДА БОД!*


# АДАБ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИЮ ОММАВӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДӢ**

**МУАССИСОН:**
**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳайати эҷодии маҷалла**

**ОҒОЗИ НАШР:**
**Июли соли 1991**
**Шумораи 1(30)**

**1—3**
**1998**


## МУНДАРИҶА


### ПЕШИНА ТОҶИКОН ВА ҚАВМИ ТОҶИК

**Раҳими Мусулмониён.** Нигоҳе ба давлати Сомониён ва тобишҳои он . . . 2
**Аббоси Аълохон.** Ҷунбиши миллӣ — озодихоҳонаи шуъубия . . . 9

### ПАЖӮҲИШ

**Мукаррама Қосимова.** Забони адабии тоҷик дар аҳди Сомониён . . . 12
**Мирзо Ҳасани Султон.** Вожаву истилоҳоти илми нуҷум дар «Аттафҳим-и Абӯрайҳони Берунӣ . . . 19
**Каримҷон Қодиров.** Мавзӯи инсони комил дар адабиёти асрҳои XI—XII . . . 21
**Меҳринисо Маҳмадова.** Ишқ фазилати инсонист . . . 23
**Шуҳрат Сироҷиддинов.** Қасидаи Аҳлӣ дар мадҳи Навоӣ . . . 25

### АНҶУМАНОРО

**Ҳадиси марди ҳикматгӯй некӯст.** *Гуфтугӯ бо* **Расул Ҳодизода** — *донишманд ва адиби шинохтаи тоҷик* . . . 27
**Зиндагӣ идомаи ҳастист.** *Суҳбат бо нависанда* **Абдуғаффори Партав** . . . 34

### ҚОШОНАИ МЕҲР

**А. Абдулазизов, М. Саломов, Д. Ҳомидов, Ш. Шокирзода.** Тӯро пушт яздони додор бод! . . . 40

### РОҲНАМОИ ХИРАД

**Абдураҳим Қурбонов, Абдуғафур Домуллозода.** Тарбияи ахлоқии хонандагон дар ҷараёни таълим . . . 43

### МИНБАРИ ОМӮЗГОР

**Ш. Нурбахш.** Аз илм мурод ҷуз амал нест . . . 46

### ШЕВАИ ОМӮЗИШ

**Шайх Тағоев.** Тарғиби илму ҳунар ва шеърҳои ба ҳунармандон бахшидаи Саййидо дар синфи X . . . 49

### ПАЙКИ ОШНО

**Ружа Горуди.** Зартушт ва масоили ҷаҳон . . . 53
**Раҳими Қубодиёнӣ.** Бузургдошти 1100-умин соли бунёдгузории Давлати Сомонӣ . . . 55

### ГАНҶИ АДАБ

*(Замимаи маҷалла бо ҳуруфи арабиасоси тоҷикӣ)*

**Муҳаммадризо Муваҳҳидӣ.** Бароиндгоҳи хуршед . . . 3—8



**Сардабир Шодӣ ШОКИРЗОДА**

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Иноятова М.** **Шукуров М.** **Лутфуллоев М.**
**Давлатов И.** **Ҳодизода Р.** **Оқилов Н.**
**Салимзода О.** **Қосимова М.** **Шарифов Х.**

ки бо якдигар муносибати фикрӣ, эътиқодӣ ва ихлоси муайян доранд. Аз ин лиҳоз илми ахлоқ зодаи ҷамъияти инсонӣ буда, дарбаргирандаи фалсафаи ҳаётӣ мебошад.

Ба андешаи Муҳаммад Ризо Содиқӣ «ахлоқи офаридаи мардум, ки муаррифи кӯшиши рӯҳии онҳо ва василае барои таҳкими манофеъ ва амалкарди онҳост, табдил ба нерӯе мешавад, ки гӯё бидуни дахолати афрод ба даст омада ва шакли ахлоқи ҳамаи ҷомеаро, ки пуштибони ва муҳофизи он аст, ба худ мегирад»[1].

Хофиз ба хубӣ медонист, ки ахлоқ ба василаи шахс ба вуҷуд меояд ва ба андешаву фитрати вай робитаи ногусастанӣ дорад. Ҳар як андешаи инсон барои фаъолияти амалии ӯ, барои эҷоди чизе ва ё барои фаъолияти назариявӣ равона гаштааст, яъне инсон тавассути мафкураи хеш роҳи дурустро интихоб менамояд, ки дар асоси дониш ва таҷриба сурат мегирад. Дар фарқият аз ҳикмати назарӣ ва ё фалсафа, ки маърифати ҳақиқат ҳадафи ниҳоии вай мебошад, ҳикмати амалӣ донишу таҷрибаро барои ба даст овардани волоияти олии ахлоқи инсонӣ ҳамаҷониба истифода менамояд. Яъне ҳадафи ниҳоии тафаккури инсон маърифати холӣ набуда, балки устуворандешӣ ва санҷидагии гуфтору рафтор дар шароити хосу муайян мебошад. Одамӣ на танҳо бояд дар бораи фазилат донад, балки худ дорои фазилатҳои хуби инсонӣ бошад ва тавассути онҳо бо разилатҳои нафсонӣ рақобат намояд:

**Даҳруза меҳри гардун афсонаест афзун,**
**Неки ба ҷои ёрон фурсат шумор ёро.**

(саҳ. 35).

Ба ҳамин тариқ Ҳофиз аз роҳи тарғиби сифату фазилатҳои неки инсонӣ — худшиносӣ, ишқ, дӯстӣ ва мазаммати худбиниву худхоҳӣ одамонро ба камолоти воқеии инсонӣ даъват намуда, инсони комилро на шахсияти идеалӣ, балки фарди воқеие мешиносад, ки тавассути ишқи аслӣ ба ин мартаба расидааст. Аз ин рӯ, метавон ба хулосае омад, ки андешаҳои ахлоқии Ҳофиз ба оҳангҳои ишқии ғазалиёташ пайванди ғоявӣ дошта, моҳияти ҷаҳонбинии ӯро ташкил медиҳанд.

**Меҳринисо МАХМАДОВА,**
**устоди ДДМТ.**

---

[1] Муҳаммад Ризо Содиқӣ. Пояҳои иҷтимоии ахлоқ.— Теҳрон, 1371, саҳ. 6.

# ҚАСИДАИ АҲЛӢ ДАР МАДҲИ НАВОӢ

Муаррихи номӣ Ғиёсиддин Хондамир — шогирд ва мухлиси Алишер Навоӣ — дар «Макорим ул-ахлоқ»-и худ менависад, ки чанде аз ҳамасрон, минҷумла, Шайхимбек Суҳайлӣ, Камолиддин Алии Ҷалоир, Низомиддини Астарободӣ, Фасеҳиддини Соҳибдоро ва Аҳлии Шерозӣ ба арбоби давлат ва мутафаккири асри XV Амир Алишер қасидаҳои ғарро бахшидаанд, аммо ин осор то ба имрӯз нопайдо буданд. Чанде пеш қасидаи маснуияи шоири барҷастаи асри XV Аҳлии Шерозӣ ба даст омад, ки ба тарзи мувашшаҳ иншо шуда, аз 150 байт иборат аст. Ин қасида дар куллиёти Аҳлӣ, ки таҳти рақами 2206 дар захираи дастнависҳои Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии Академияи Улуми Ӯзбекистон маҳфуз аст, дарҷ гардидааст. Навоӣ дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» дар фикраи Аҳлии Шерозӣ менависад: «Мавлоно Аҳлӣ аз Шероз аст. Чанд дафъа аз Шероз қасоиди рангин фиристода буд. Дар ин наздикӣ низ қасидаи маснуияи Хоҷа Салмони Соваҷиро ҷавоб гуфта, бо изофаи рубоии ғарибе фиристода»[1].

Ба қавли муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» Амин Аҳмади Розӣ Аҳлии Шерозӣ қасидаи худро ба Алишер Навоӣ шахсан тақдим намудааст: «Мавлоно Аҳлӣ бо сафои зеҳни салим, закои табъи мустақим, аз ҷамъи шуарои замонаи худ имтиёзи фаровон дошт... Пас аз он ки ба Ҳирот таваҷҷӯҳ намуд, қасидаи маснуияи Хоҷа Салмонро маъа зиёдат татаббуъ намуда, ба номи Амир Алишер мувашшаҳ гардонид ва силаи арҷманд ёфт»[2].

Қасида бо дебоча зинат дода шуда ва дар он таърихи пайдо шудани иштиёқи татаббуъи қасидаи маснуияи Салмони Соваҷӣ ва бахшидани он ба тарзи мувашшаҳ ба алқоби Низомиддин Алишер баён гардидааст. Қасида аз 69 банд (китъа)-и аз як то ба чаҳорбайтӣ иборат аст. Дар паи ҳар китъа як байти тозае истихроҷ мешавад, ки он ҳатман саноеъи бадеии китъаи фавқро дар бар гирифтааст. Теъдоди ин гуна абёти истихроҷӣ қариб ба 70 мерасад.

Қасидаи Аҳлӣ мутобиқи анъана бо намоиши санъати тарсеъ оғоз мегардад:

---

[1] Алишер Навоий. Мажолис ун-нафоис. Асарлар. XII жилд.— Тошкент. 1966 — 165-бет. (Тарҷумаи муаллифи мақола).

[2] Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим.//ИШАУРӮз, № 617, вар. 83а.

Насими кокули мушкин, к-орост чун ту нигор,
Шамими сунбули пурчин кучост мушки татор.

Бояд хотирнишон намуд, ки Алишер Навой низ касидаи маснуияи Салмони Совачиро татаббуъ намуда будааст, вале мутаассифона, матни пурраи он ҳанӯз дастрас нест. Навой дар тазкираи «Маҷолис-ун-нафоис» танҳо матлаи онро сабт намудааст. Зимни мутолиаи матлаи қасидаҳои Навой ва Аҳлӣ ба чунин ақида омадем, ки Аҳлӣ ҳангоми татаббуъи худ ба Салмони Соваҷӣ бештар аз қасидаи маснуияи Навой илҳом гирифтааст. Чунончи, матлаи қасидаи маснуияи Салмони Соваҷӣ ин аст:

Сафои сафвати рӯят бирехт оби баҳор,
Ҳавои ҷаннати кӯят бибехт мушки татор.

Матлаи қасидаи Навой:

Чунон вазид ба бӯстон насими фасли баҳор,
К-аз он расид ба ёрон шамими васли нигор.

Ду байти қасидаи матлаи Аҳлӣ ин аст:

Насими кокули мушкин, к-орост чун ту нигор,
Шамими сунбули пурчин куҷост мушки татор.
Шамим хезад аз оху, вале на з-ин хуштар
Насими гул вазад, аммо чунин на анбарбор.

Дар ҳар банди қасида яке аз сифоти Навой тараннум мешавад. Аҳлӣ меоварад:

Дами муҷодалаи шоҳон шӯрат аз фазл аст,
Ки теғи меҳри ту бишкаст қалби сад қаҳҳор,
Ба дасти фазли ту нақди ҳунар суханҳо нест,
Ки ҳаст ганҷи ниҳонат каромат аз додор.

Барҳак, Алишери Навой ҳамеша ба сифати як сиёсатмадори хирадманд дар ҳалли масоили баҳсноки давлат иштироки фаъол дошта, яке аз машваратчиёни наздиктарини шаҳзодагони темурӣ буд.

Абёти қасида, ки ба ситоиши меҳру мурувват, саховатпешагӣ, камолот, санъаткорӣ, шоирӣ, донишмандӣ ва чандин сифоту фазоили каримаи амири бузург бахшида шуда, бо бадоеъи саноеъ тазйин гардида, гувоҳи возеҳи он аст, ки Аҳлӣ дар саноеъи бадеии форсу тоҷик маҳорати комил дошта, бад-ин васила эътиқоди мухлисона ва самимияти беандозаи худро ба Алишер Навой изҳор намудааст.

Шуҳрат СИРОҶИДДИНОВ,
номзади илми филология, корманди илмии
шӯъбаи Самарқандии Академияи Улуми Ӯзбекистон.

---

**Мо истиқболи зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров ва 1100-солагии таъсисёбии давлати Сомониёнро ба хотири худшиносӣ ва ваҳдати миллӣ ҷашн мегирем. Зеро таърихи тамаддуни башарӣ собит месозад, ки худшиносии миллӣ пойдеворӣ бақои ҳар миллати соҳибэҳтиром аст. Тоҷикон пеш аз давраи Сомониҳо низ давлатдорӣ доштанд, вале маҳз давраи Сомониён ҳамчун давраи дастовардҳои бузургтарини илмию адабӣ ва зеҳнию фарҳангии аҷдодони сарбаланди мо буда, дар ташаккули тамаддуни ҳамаи халқҳои олам нақши босазо дорад. Ва маҳз дар ҳамин давра шеъру сухан, ҳикмату фалсафа, наққошию мусиқӣ ва меъморию шаҳрсозӣ ба пояи баланд расида, то кунун ҷаҳониёнро мафтун менамояд. Ва забони шевои модарӣ, расму ойинҳои неки аҷдодӣ, алалхусус, панди ибратомӯзи «гуфтори нек, рафтори нек ва пиндори нек» маҳз дар ҳамин давра умри ҷовидона ёфт.**

**Э. РАҲМОНОВ,**
**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

---